# Ҷанбаҳои гендерӣ дар таҳсилоти мактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муаллиф: Аброров Ш.- Мутахассиси пешбари Раёсати рушди минтақаҳо ва мониторинги барномаҳои миллии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Санаи нашр: Декабри соли 2013

Маориф дар ҷаҳони муосир омили муҳими рушди ҷомеа, яке аз воситаҳои рушди устувори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он мебошад. Маҳз барои ҳамин ҳам маориф таҳдевори давлат, тарзи эҳёи тамаддуни моддӣ ва маънавии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, сармоягузорӣ ба рушди маориф ва маблағгузории асосии хусусӣ ба афзоиши маҳсулнокӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи баъди шӯравӣ мақоми хоса пайдо намуд, чунки дар тайёр намудани мутахассисони соҳибихтисос нишондиҳандаҳои баланд ба даст оварда шуданд. Вале баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ бо назардошти сабабҳои вобаста ба давомнокии ҷанги шаҳрвандӣ, ихтисор гардидани воситаҳои буҷетӣ ба маориф, музди меҳнати ками кормандон, баромада рафтани мутахассисони баланихтисос (омӯзгорон), номутобиқатии базаи моддию техникӣ, сатҳи баланди камбизоатӣ, махсусан дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон ин нишондиҳанда бадтар гардид. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, **мутобиқи маълумоти Барномаи рушди СММ, Тоҷикистон аз рӯи дараҷаи маориф дар соли 2012 дар ҷаҳон ҷои 127-ро ишғол намуд ва дар тақсимбандӣ (рейтинг) дар байни тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар мақоми аз ҳама паст қарор гирифт.**

Маълум аст, ки вазъияти баамаломада қабули комплекси чораҳои мушаххасро оид ба рафъи проблемаҳои ҷойдошта дар миқёси миллӣ тақозо намуд. Бинобар ҳамин, дар шароити гузариши малакат ба иқтисоди бозаргонӣ, ба демократикунонӣ ва гуманикунонии низоми маориф, ба сохтмони давлати мустақили демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи мусбати ғуннамудаи муассисаҳои таълимӣ дар давраи ташаккулёбӣ ва рушди давлати мустақили Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо менамояд.

Муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, масъалагузорӣ ва ҳалли проблемаҳо дар сатҳи сиёсати давлатӣ аҳамияти калони сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию маърифатӣ доранд. Охир, проблемаи пешрафти ҷамъият, рушди устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти миллӣ ва давлатӣ ва дар маҷмӯъ дастовардҳои тараққиёти иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ, илму техника дар сатҳи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, аз тараққиёти устувори маориф ва ташкили раванди пайдарпай ва хушсифати омӯзиши шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад.

Бо дарёфти мақоми мустақилият, Тоҷикистон роҳи ислоҳоти соҳаҳои иқтисодиёт ва ичтимоиёт, аз ҷумла ислоҳоти низоми маорифро пеш гирифт.

Ғайр аз ин, дар солҳои охир бо ташаббуси ҳукумат бо мақсади беҳтар намудани идоракунӣ ва маблағгузории низоми маориф як қатор ислоҳотҳо гузаронида шуданд, ки онҳо ба зиёд шудани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур ва гузариш ба низоми маблағгузории сарикасӣ мусоидат намуданд, ки ба беҳтар гардидани инфрасохтор, сифати таълим таъсири куллӣ расонида, сатҳи камбизоатии аҳолиро пасттар намуд. Дар самти мазкур афзалиятҳои асосӣ инҳо буданд: баланд бардоштани бо муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумии ҳамагонӣ фаро гирифтани бачагон, инчунин беҳтар намудани таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ). Ғайр аз ин, ислоҳотҳо ба рушди шароитҳо ва сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олии мамлакат ҳиссаи муносиб гузоштанд. Таъмини ҳадди аксари ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои ҳам қисми мардон ва ҳам қисми занони аҳолӣ лаҳзаи муҳими ислоҳотҳои мазкур ба ҳисоб меравад. Дар ин самт аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ғояи мазкурро дастгирӣ намуданд ва барои рушди соҳаи зикршуда заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Дар солҳои истиқлолият Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (27 декабри соли 1993, дар таҳрири нав 17 майи соли 2004), Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ» ва «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъди муассисаҳои олӣ», Консепсияи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, зиёда аз 150 санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ, низомномаҳои муассисаҳои таълимӣ тайёр карда шуданд. Аз ҷумла аз ҷониби Ҳукумати мамлакат Стратегияи рушди маориф барои давраи то соли 2015 қабул карда шуд.

Бешубҳа, ҳамаи қонунҳои мазкур ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Инчунин ҳар сол барои дастгирии донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат **квотаҳои таълимии «Квотаи Президентӣ»-и ҷудошуда** пешниҳод карда мешаванд, ки мутобиқи он дар соли таҳсили 2012-2013 1185 квота барои донишҷӯён, аз ҷумла 578 адад барои писарон ва 607 адад барои духтарон мебошанд.

Маориф ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳими рушди миллӣ ба ҳисоб меравад ва тараққиёти низоми маориф яке аз афзалиятҳои асосии Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (СБСНАТ) мебошад.

Дар солҳои охир дар Тоҷикистон афзоиши тадриҷии маблағгузории соҳаи маориф ба назар мерасад ва истифодаи пулии нишондиҳандаи мазкур назар ба давраи соли 2000 51 баробар афзуд.

**Графики 1. Маблағгузории соҳаи маориф**
**дар солҳои 2000-2013** *( бо фоиз нисбати ММД ва Буҷети давлатӣ)*




Аз ҷадвали дар боло овардашуда маълум аст, ки хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф нисбати ММД ва Буҷети давлатӣ дар солҳои 2000-2013 хеле афзудааст. Масалан, агар хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф дар соли 2000 2,3% ММД, 15,9% Буҷети давлатиро ташкил дода бошад, пас соли 2013 ин нишондиҳанда мутаносибан 4,7% ва 17,4%-ро ташкил дод.

Таҳлили Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 (СПСК-) нишон медиҳад, ки ҳаҷми хароҷоти давлатӣ ба рушди маориф дар соли 2010 4,6% ММД-ро ташкил дод ва чунин сатҳи хароҷот ба низоми маориф дар солҳои 2010-2012 низ боқӣ мондааст.

**Ҷадвали 1. Хароҷоти Буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи татбиқи СПС**

| | с. 2010 | с. 2011 | с. 2012 |
|---|---|---|---|
| Хароҷоти умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | 1092,04 | 1363,8 | 1607,8 |
| Суръати рушди хароҷоти умумӣ ба соҳаи маориф (бо % нисбати соли гузашта) | 113,3 | 124,9 | 117,9 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Бо фоиз нисбати ММД | 4,6% | 4,6% | 4,6% |
| Суръати рушди ММД | 6,5 | 7,4 | 7,5 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои 2010-2012 сатҳи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф нисбати ММД устувор боқӣ мондааст. Ҳамин тавр, афзоиши хароҷоти умумӣ ба маориф нисбати соли гузашта дар муқоиса бо суръати рушди ММД 2-3 баробар зиёд шудааст.

Дар СБСНАТ қайд гардидааст, ки барои таъмини рушди минималии соҳаи маориф бо назардошти омили демографӣ, дар оянда ҳиссаи хароҷоти маориф 5-5,5 фоизи ММД-ро ташкил хоҳад намуд.

Низоми идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ (муассисаҳои беруназмактабӣ), муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус (омӯзишгоҳҳо, литсейҳо, коллеҷҳо ва техникумҳо), муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва омӯзиши баъдидипломӣ иборат аст

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф нақши асосӣ ба зиммаи маориф гузошта шудааст ва дар ин соҳа дар сатҳи кам ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ низ мавҷуд мебошад.

**Ҷадвали 2. Миқдори муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва хонандагон**

| | Миқдори муассисаҳо | Шумораи хонандагон | Шумораи бачагон | Шумораи духтарон |
|---|---|---|---|---|
| **Ибтидоӣ** | 542 | 27192 | 14095 | 13097 |
| **Асосӣ** | 674 | 125056 | 55741 | 69315 |
| **Миёна** | 2589 | 1560619 | 826398 | 734221 |
| **Ҳамагӣ** | 3805 | 1712867 | 902501 | 810366 |

Дар низоми таҳсилоти миёнаи Тоҷикистон айни замон 3805 муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бо фарогирии умумии 1712,8 ҳазор нафар хонандагон, аз ҷумла 810,5 ҳазор нафар духтарон ва 902,3 ҳазор нафар бачагон амал мекунанд. Дар 3 соли охир шабакаи муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ 66 адад афзуд, дар айни замон шумораи хонандагон 1,1% зиёд шуд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумораи хонандагони ба синфҳои якум қабулшуда фарқияти на чандон зиёд ба назар мерасад. Дар ин маврид, шумораи духтарони ба синфи якум дохилшуда аз

бачагон камтар аст, вале дар ҷараёни таълим шумораи талабагони дар синфи 11 ба таҳсил машғулшуда бештар аз ҳисоби духтарон афзоиш меёбад. Дар баробари ин, мутобиқи омори низоми маориф шумораи талабагони баъди синфи 9 таҳсилро давомнадода дар соли 2012 аз шумораи умумии хонандагон 2,1 -ро ташкил дод.[1]




Таҳлили синнусолии хонандагон дар муассисаҳои таълимии Тоҷикикистон нишон медиҳад, ки шумораи хонандагон (писарон ва духтарон) баъд аз хатми синфи панҷ хеле кам мегардад, вале баъди хатми синфи 7 ҳолат нисбати бачагон бештар тайғир ёфта, муоинаҳо такрор шудани чунин ҳолатро дар давраи хатми синфи даҳум тасбит менамоянд. Тахмин карда мешавад, ки аз мактаб рафтани бачагон аксар вақт ба зарурати коркунии онҳо вобастааст, чунки қобилияти кории онҳо рушд меёбад, ба духтарон низ чунин ҳолат рух медиҳад, инчунин бо сабаби барвақт ба шавҳар баромадан низ духтарон мактабро тарк мекунанд.

Дар ҷанбаи гендерӣ муносибати духтарон ва бачагон ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи нопурра нишон медиҳад, ки духтарон назар ба бачагон ба

[1] 7 сол =синфи 1. 17 мол = синфи 11. Инчунин дар бисёр мактабҳои ҷмҳурӣ амалияи қабули кӯдакони 6-сола васеъ паҳн гардидааст ва ин маълумот дар диаграмма ба ҳисоб гирифта нашудааст.

мактаби таҳсилоти умумии ҳамагонӣ камтар дохил мешаванд ва тадриҷан сатҳи бо таълим фарогирии онҳо кам мешавад.




Таҳлил нишон медиҳад, ки дараҷаи таносуби духтарон ба бачагон дар таҳсилоти ибтидоӣ ва асосӣ бетағйир боқӣ мемонад, дар баробари ин дар давраи таҳсил дар синфҳои 9-11 тадриҷан камшавӣ ё аз мактабравӣ ба назар мерасад. Ғайр аз ин, тибқи маълумоти дар Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ зикрёфта, фарогирии бачагон аз 90 фоизи соли 1992 то сатҳи камтар аз 80% паст фуромадааст. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар мактабҳо шумораи бачагон аз духтарон зиёдтар аст, дар низоми таҳсилоти умумӣ пастравии тадриҷӣ бемайлон аз як сатҳ ба сатҳи дигар мушоҳида мегардад. Дар марҳалаҳои анҷоми таҳсилоти ҳатмӣ духтарон нисбати бачагон бештар мактабро тарк менамоянд.

Дар соли таҳсили 2011 фарогирии фарзандон ба таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ, умумии ҳамагонӣ, чӣ тавре ки дар ҳуҷҷати миллии рушди мамлакат барои солҳои 2013-2015 оварда шудааст, 97,3 фоизро ташкил медиҳад[2]. Тахмин меравад, ки проблемаи фарогирии духтарон бо таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар ба мушкилот ба дастрасии оилаҳои камбизоат ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дахл дорад.

Ғайр аз ин дар (СБСНАТ) проблемаҳои дар соҳаи маориф ҷойдошта чунин зикр ёфтаанд[3]:

---

[2] СПУБНТ саҳ. 142
[3] СПУБНТ. саҳ.

- талабот ба кадрҳои омӯзгорӣ ва номукаммалии низоми тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ;
- инфрасохтори фарсудашудаи муассисаҳои томактабӣ;
- фарсудашавии моддӣ ва маънавии асбобҳои таълимӣ, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи махсус;
- маҳдудияти ҷалби аҳли ҷомеа дар идоракунии мактабҳои таҳсилоти умумӣ;
- маблағгузории нокифоя ба соҳаи маориф (сатҳи пасти музди меҳнат) норасоии маблағҳо барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ, хизмати коммуналӣ ва ғайра).

Ба таври илова қайд намудан ҷоиз аст, ки, мутобиқи тадқиқоти аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатии дар Тоҷикистон гузаронидашуда, яке аз сабабҳои пастшавии сатҳи фарогирии фарзандон бо таҳсилоти асосӣ дар деҳот аз ҷониби падару модарон бо мақсади ба бачагон омӯзонидани маълумоти сифатан беҳтари хониш ба мактабҳои шаҳрҳо фиристондани онҳо мебошанд. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки дар мавриди муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ эҳтимолияти он мавҷуд аст, ки фарзандон метавонанд барои таҳсил на танҳо ба шаҳрҳои ҷумҳуриямон, балки ба муассисаҳои таҳсилоти умумии кишварҳои қабулкунанда – Россия ва Қазоқистон раванд. Дар тамоми ҳолатҳои номбаршуда фарзандон дар маҳалли зисти падару модар ба қайд гирифта мешаванд, ки ин нишондиҳандаҳои омори расмиро носаҳеҳ мегардонад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки илова ба чораҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд дар масъалаҳои «гендер дар маориф» афзалиятҳои нав муқаррар карда шаванд. Ин воқеият мебошад, зеро тибқи тадқиқоти муҳаққиқони Бонки умумиҷаҳонӣ шумораи фарзандони синну соли мактабӣ дар Тоҷикистон дар давраи аз соли 2000 то соли 2015 50% зиёд мешавад.

Дар асоси баррасии проблемаҳои мавҷуда хулоса омадан мумкин аст, ки дарояндаи наздик бояд барои бо таълим фаро гирифтани фарзандон, таъмин намудани дастрасии баробари хурдсолон ба маълумот, аз ҷониби давлат дастгирӣ гардидани бачагони оилаҳои камбизоат, бачагони имкониятҳои маҳдуддошта, баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои муассисаҳои таълимӣ таваҷҷӯҳ намудан зарур аст. Чӣ хеле ки дар (СБСНАТ) қайд карда шудааст, ташаккулёбии системаи нави таълим ва таҷдиди мазмуни маълумот барои татбиқи фанҳои нави стандартӣ, барномаҳои таълимӣ ва дар асоси дастурамалҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ, тамсилаҳои ташкили таҳсилоти махсус ва ба хонандагон омӯзонидани

касбҳо ва таъминоти мактабҳо бо таҷҳизоти зарурӣ ҳамчун замина хизмат хоҳад кард.